**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**Суроға: 734025, ш. Душанбе, маҳаллаи**
**Буни Ҳисорак, Шаҳраки донишҷӯён,**
**бинои таълимии 7, ауд. 102**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Каримиён Мадинаи Баҳодур дар мавзуи «Рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисос, ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит)**

Баҳисобгирии воситаҳои асосӣ яке аз қитъаҳои муҳимтарини баҳисобгирии муҳосибӣ дар субъетҳои хоҷагидорӣ мебошад, зеро ин гурӯҳи объектҳои баҳисобгирӣ аз сабаби арзиши баланд доштани худ дар таркиби дороиҳои тавозуни муҳосибӣ мавқеи назаррас доранд. Вобаста ба гузариши корхонаҳо ба корбурди стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ талабот ба иттилоот дар бораи воситаҳои асосӣ, ки дар ҳисоботи молиявӣ пешниҳод карда мешавад, пурзӯр шудааст. Дар баробари ин, муҳосибон бояд ҳангоми бунёди ин гуна иттилоот ба хусусиятҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ, талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан қонунгузории андоз, инчунин дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ диққат диҳанд. Ҳамаи ин гуфтаҳо муҳим будан ва мубрамии мавзуи диссертатсияи мазкурро, ки автореферати он пешниҳод шудааст, тасдиқ мекунад.

Дар автореферат мазмун ва муҳтавои диссертатсия ба таври мухтасар оварда шудааст. Омӯзиши он нишон медиҳад, ки довталаби дараҷаи илмӣ мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии худро хуб дарк карда, вобаста ба ин мақсад ва вазифаҳои онро дуруст муқаррар кардааст. Ӯ ҳангоми навиштани бобҳои алоҳидаи диссертатсия аз адабиёти зиёди тахассусии ватанию хориҷӣ васеъ истифода бурда, дар натиҷаи таҳқиқи муҳтавои онҳо тавонистааст, ки ҷанбаҳои назариявию методологӣ, паҳлуҳои амалӣ ва дигар нозукиҳои баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосиро дар субъектҳои хоҷагидорӣ аз ҷиҳати илмӣ таҳқиқ ва арзёбӣ намуда, тавсия ва пешниҳодҳои судмандро доир ба такмили методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ таҳия намояд.

Нуктаи муҳими диссертасия, тавре автореферат тасдиқ мекунад, ин аст, ки муҳаққиқ ба самтҳои муҳим ва дорои мушкилоти баҳисобгирии воситаҳои

асосӣ, аз ҷумла баҳодиҳӣ ва азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ, истеҳлоки воситаҳои асосӣ ва корбурди усулҳои ҳисобкунии он, баҳисобгирии хароҷоти таъмири воситаҳои асосӣ ва ба арзиши аслӣ соқит кардани хароҷоти таъмир бештар таваҷҷуҳ зоҳир намудааст.

Дар диссертатсия методикаи ҳисобкунии маблағи истеҳлоки воситаҳои асосӣ бо назардошти арзиши барҳамдиҳӣ таҳия карда шудааст (ҷадвали 3, саҳ. 19-и автореферат), ки барои амалияи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити муосир арзишнок буда метавонад. Дар он ба ҳисобкунии арзиши барҳамдиҳии воситаҳои асосӣ, хароҷоти барҳамдиҳӣ ва дигар нишондиҳандаҳои муайянкунандаи маблағи истеҳлок, ки дар амалияи миллӣ истифода нашуда, вале дар таҷрибаи байналмилалӣ истифода мешаванд, диққати муҳим дода шудааст.

Ҷиҳати дигари муҳими диссертатсия, ки аз муҳтавои авторефererат бармеояд, баррасии мушкилоти баҳисобгирии хароҷоти таъмир, навкунӣ ва муҷаҳҳазсозии воситаҳои асосӣ мебошад. Муаллиф хотиррасон мекунад, ки дар санадҳои меъёрии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳумҳои бо баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ алоқаманд, аз ҷумла вобаста ба хароҷоти таъмир ва барқарорсозии воситаҳои асосӣ шарҳ дода нашудаанд, ки ин ба пайдо шудани мушкилот ва нофаҳмиҳо дар ин самт боис мешавад. Вале ӯ дар асоси омӯзиши адабиёт ва такя ба таҷрибаи байналмилалии баҳисобгирӣ барои беҳгардонии баҳисобгирии барқарорсозӣ ва таъмири воситаҳои асосӣ тавсияҳои муҳим таҳия намудааст, ки ба андешаи мо, аҳамияти илмию амалӣ доранд.

Довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси таҳлил ва арзёбии шароити корбурди усулҳои ҳисобузам кардани истеҳлок, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи онҳоро иҷозат медиҳад, тасдиқ кардааст, ки имрӯз онҳо азнавсозии пурраи воситаҳои асосиро дар шароити таваррум таъмин намекунанд. Барои ҳалли масъалаи мазкур ӯ истифодаи усули истеҳлоки босуръатро тавсия медиҳад. Дарвоқеъ, корбурди усули мазкур тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода намшудааст, вале таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки корбурди он барои субъектҳои хоҷагидорӣ муфид аст.

Бояд қайд кард, ки нуктаҳои пураҳамият ва барои амалияи пешбурди баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ арзишманд дар диссертатсия зиёд мебошанд, вале бо вуҷуди ин, тавре таҳқиқи автореферат собит кард, он дорои баъзе камбудиҳо низ мебошад, ки нисбат ба онҳо баъзе эродҳоро зикр мекунем:

1. Муаллиф ҳисобҳои таҳлилиро барои баҳисобгирии истеҳлоки мошин ва таҷҳизот пешниҳод кардааст (ҷадвали 4, саҳ. 20-и автореферат), ки ин хуб аст, вале хусусияти ҳисобҳое, ки дар нақшаи амалкунандаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ пешбинӣ шудаанд (аз ҷумла барои баҳисобгирии

мошин ва таҷҳизоти захиравӣ ва барои васлкунӣ таъиншуда – ҳисоби 11080 “Дигар воситаҳои асосӣ”) ба инобат гирифта нашудааст.

2. Масъалаи баҳисобгирии лизинг (иҷораи молиявӣ), ки имрӯз дар амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ маъмул аст, аз мадди назари муаллиф дур мондааст.

Бояд қайд кард, ки эродҳо нисбат ба камбудиҳои мазкур тавсиявӣ буда, довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ метавонад онҳоро дар таҳқиқоти минбаъдаи худ ба инобат гирад.

Хулосаи умумӣ аз омӯзиши муҳтавои автореферат чунин аст, ки диссертатсия дар мавзуи «Рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 ва дигар муқаррароти Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст) ҷавобгӯ буда, муаллифи он Каримиён Мадинаи Баҳодур барои сазовор донистан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисос, ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) арзанда мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

н.и.и., дотсент, мудири кафедраи
баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил
ва аудити ДИС ДДТТ **Абдураҳмонова М.З.**

**Имзои н.и.и., дотсент Абдураҳмонова М.З.-ро тасдиқ мекунам:**

Мудири шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси “ДИС ДДТТ” **Маҳмудов Ш.У.**

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ 169, Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.
Тел.: 92-765-19-81, почтаи электронӣ mukaddam81@gmail.com.

23 майи соли 2024